Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01- Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пешниҳод шудааст**

Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ҳадафи асосии худро бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон намуд, ки он дар моддаи 1-и Конститутсияи Тоҷикистон мустаҳкам карда шудааст. Ин муқарраароти Конститутсия роҳи минбаъда ва рукнҳои асосии давлатдориро муайян намуд. Ҳукумати Тоҷикистон баҳри таъмини озодӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак нақша-чорабиниҳои зиёди ташкилӣ-ҳуқуқиро таҳия ва тадбиқ намуда истодааст. Ислоҳоти ҳуқуқӣ-сиёсӣ дар самти ҳифз ва ҳимоя намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ оғоз гардида, пайваста дар ҳолати рушд қарор дорад. Далели ин гуфтаҳо таъкидҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст: «...ҳарчанд вазъи татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бахусус таъмини кафолатҳои иҷтимоии давлатӣ ба маъюбон, кӯдакони ятиму бепарастор ва оилаҳои камбизоат дар сатҳи маҳаллӣ хеле беҳтар шудааст, лекин кӯшиш бояд кард, ки ҷиҳати мунтазам беҳтар намудани зиндагии гурӯҳҳои осебпазиру ниёзманди ҷомеа шароити боз ҳам хубтар фароҳам оварда шавад.

Бо дарназардошти ин диссертатсияи Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид барои расидан ба ин ҳадаф ва такмили қонунгузорӣ мусоидат мекунад, зеро он ба яке аз масъалаҳои муҳим, яъне ташаккули қонунунгузорӣ дар бахши ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон бахшида шудааст.

Ҳамаи нуктаҳои ба ҳимоя пешкашнамудаи Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид муҳим, воқеӣ ва саривақтӣ буда, аҳамияти назариявӣ ва амалиро доро мебошанд. Даврабандии ташаккули эътирофи ҳуқуқҳои кӯдак ба давраҳои зардуштия, исломӣ, империявӣ, шӯравӣ ва замони Истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби муаллиф навгоние дар илми ҳуқуқи инсон маҳсуб меёбад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дошта, барои такмили қонунгузорӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар баробари ҳолатҳои мусбат дар автореферати диссертатсия баъзе норасоиҳо ва ҳолатҳои норавшан дида мешаванд. Масалан муаллиф қайд менамояд, ки баромади (асли) кӯдакон дар Ислом аз падару модар ҳолати ҳуқуқие дониста мешавад, ки дар асоси он муносибати ҳуқуқии байни падару модар ва фарзандон ба миён меоянд (саҳ. 19). Аммо равшанӣ наандохтааст, ки баромади аслии кӯдак ва ҳуқуқу манфиатҳои ӯ бо кадом тарз муаян ва ҳифз карда мешавад. Дар навгонии дувоздаҳуми диссертатсия муаллиф иброз менамояд, ки бахри боз хам дар сатҳи дахлдор ҳимоя ва мустаҳкам намудани ҳуқуқи кӯдак пешниҳод карда мешавад, ки Кодекси кӯдаки Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шавад. Аммо муаллиф мақсади пешниҳоди худро шарҳ надодааст.

Бо ибрози чунин нуктаҳо наметавон гуфт, ки диссертатсия дар сатҳи номукамал омода шудааст. Норасоии мазкур ба мазмуну мухтавои таҳқиқоти илмии анҷомдодаи муаллиф таъсири манфӣ намерасонад.

Диссертатсияи омоданамудаи Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва

сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ҷавобгӯи ҳамаи талаботҳо буда, ҳамчун тадқиқоти бaанҷомрасида ва нави илмӣ ва илми ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад. Он мазмуни баланди назариявӣ ва амалӣ дошта, минбаъд аз ҷониби олимону муҳаққиқон ва дар такмили қонунгузоӣ ба таври васеъ истифода хоҳад шуд.

Аз рӯи мазмуни баланди назариявӣ ва амалӣ, мубрамият ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Профессори кафедраи ҳуқуқи**
**судӣ ва назорати прокурории**
**факултети ҳуқуқшиносии ДМТ** **Искандаров З.Ҳ.**

Суроға:Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯч. Буни Ҳисорак,). Тел.+992918614075. E-mail: Ziskan@mail.ru

«Имзои Искандаров З.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои масуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.